# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна** дар **мавзуи «Вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

Автореферати диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ» ба яке аз мавзӯъҳои мубрам ва саривақтӣ бахшида шудааст.

Мубрамии мавзӯи мазкур дар он аст, ки дар натиҷаи таҳқиқи хусусиятҳои луғавию гармматикии «Ахлоқи муҳсинӣ» қонуниятҳои ташаккулу таҳаввули категорияҳои лексикӣ, меъёрҳои сарфию наҳвии забони адабии тоҷикӣ дар асри XV ва таъсири он ба асрҳои баъдӣ ошкор мегардад. Тарзи баёни «Ахлоқи муҳсинӣ», аз як тараф, ба насри содаи асри X иртибот дошта бошад, аз сӯйи дигар, дар ниҳояти устодона муаллиф ба насри такаллуфӣ такя кардааст. Таҳқиқи вижагиҳои луғавию грамматикии ин асар барои ошкор гардидани як тарзи баёни миёна, ки аз муғлақбаёнию печидагӣ дар асрҳои XII-XIV дар насри бадеии мо пайдо шуда буд, мусоидат менамояд. Мақсади асосии таҳқиқи ин мавзуъ муайян кардану нишон додани вижагиҳои корбасту қонуниятҳои инкишофи маънои луғавии вожаҳо дар асоси маводи мушаххаси «Ахлоқи муҳсинӣ», ҳамчунин дар заминаи ҳамин асар хусусиятҳои сарфию наҳвии забони адабии асри XV тоҷикро мушаххас намудан мебошад. Дар диссертатсия нахустин бор хусусиятҳои луғавию грамматикии яке аз осори ахлоқии насри асри XV «Ахлоқи муҳсинӣ» ба сурати густурдаю маҷмуъ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқи мавзуъ метавонад, ки ба сифати манбаи омӯзиши таърихи забон ва қонуниятҳои инкишофи сохтори луғавӣ, сарфӣ ва наҳвии забони адабии тоҷик хизмат намояд. Тавсияҳои амалии диссертатсияро метавон дар таълифи китобу дастурҳои таълимӣ оид ба «Таърихи забони адабии тоҷик», «Лексикологияи таърихӣ», «Сарфу наҳви тоҷикӣ» ва хондани курсу семинарҳои тахассусӣ аз фанни «Таърихи забони адабии тоҷик», навиштани рисолаҳои илмӣ, дипломӣ, реферату маърузаҳо истифода кард.

Автореферати диссертатсия бо забони хуби адабӣ навишта шуда, фарогири маводи ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб бо фарогирии фаслу зерфаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, манбаъҳо, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, навоварии илмӣ, аҳаммияти илмию амалии диссертатсия таҳлилу баррасӣ шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия «Вижагиҳои луғавии «Ахлоқи муҳсинӣ» сухан аз бобати таркиби луғавии асар рафта, он аз 4 фаслу 5 зерфасл иборат аст.

Боби мазкур ба қисмати назариявии таҳқиқ бахшида шуда, ақидаи забоншиносон роҷеъ ба мавзӯъ оварда шудааст. Муаллиф муродифоти луғавии вожаҳо, муродифот, вожаҳои мутазод ва ибораҳои фразеологиро устодона корбаст намудааст. Истифодаи муродифоти луғавӣ, аз як тараф, барои парҳез аз такрори вожаҳо имкон дода бошад, аз тарафи дигар, маънии баъзе вожаҳои нофаҳмо, аз ҷумла, вожаҳои иқтибосии душворфаҳми арабиро равшану возеҳ намудааст. Диссертант тавонистааст калимаҳои ифодакунандаи шайъу сифати онро дар «Ахлоқи муҳсинӣ» аз рӯйи маъно ба гурӯҳҳо ҷудо намояд.

Вижагиҳои сарфии «Ахлоқи муҳсинӣ» муҳтавои боби дуюми диссертатсияро дар бар мегирад. Дар ин боб ҳиссаҳои нутқ, аз ҷумла исм, сифат, ҷонишин, шумора ва феъл дар таркиби луғавии асар барои ифодаи ҳама гуна мафҳумҳо дарёфт гардидаанд. Номҳои сершумори одамон, аз ҷумла, шахсиятҳои таърихӣ, донишмандони илму фарҳанг, шайхон, пешвоёни дину мазҳаб монанди Султон Санҷар, Яъқуби Лайс, Искандар, Фаридун , Тоҳир, Нушервон, Маликшоҳ, Маъмун ва ғайра дар асар дучор омадаанд. Дар боби мазкур маводи «Ахлоқи муҳсинӣ» таҳлили забоншиносӣ гардидааст, ки нависанда дар ифодаи мафҳуми ҷамъ аз тарзу роҳҳои гуногуни ҷамъбандии исм истифода кардааст.

Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои наҳвии «Ахлоқи муҳсинӣ»» номида шудааст. Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар созмондиҳии воҳидҳои наҳв низ дасти тавоно доштааст. Ба ақидаи диссертант таҳқиқи вижагиҳои наҳвии «Ахлоқи муҳсинӣ» нишон додааст, ки сохти наҳвиёти асар ниҳоят устувор буда, ҷавобгӯ ба меъёрҳои таърихан суфташудаи забони адабии классикӣ мебошад. Қайд гардидааст, ки таносуби ҷумлаҳои мураккаб нисбат ба ҷумлаҳои сода бартарӣ дорад, аммо он ба услуби баёни нависанда гаронӣ наовардааст. Баррасии вижагиҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии «Ахлоқи муҳсинӣ» нишон медиҳад, ки ин асар намунаи беҳтарини забони насри ахлоқии адабиёти асримиёнаи тоҷик буда, дар такмили таркиби луғавӣ ва сохти сарфию наҳвии забони адабии тоҷикӣ нақши муҳим дорад.

Натиҷаҳои аз омӯзишу таҳқиқоти аз диссертатсионӣ ба дастомадаро муаллиф дар 10 банд хулосабарорӣ намудааст, ки ин хело хуб мебошад.

Доир ба мавзӯъ диссертант 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба чоп расонидааст.

Бо вуҷуди комёбиҳои назаррас дар диссертатсия баъзе камбудихо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Дар матни автореферат ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд;

2. Забони кори таҳқиқотӣ равону илмӣ бошад ҳам, гоҳо ҷумлаҳои носуфта ба назар мерасанд.

Бояд зикр кард, ки эродҳои ишорашуда ба арзиши илмию амалии таҳқиқоти анҷомёфта таъсири манфӣ намерасонанд.

Муаллифи рисолаи диссертатсияи ба тақриз пешниҳодшудаи **Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ»** ҳамчун мутахассиси хуб камолёфта буда, таҳқиқоти илмияш анҷомёфта буда, ба талаботи «Низомномаи Шурои диссератсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз руйи ихтисоси **10.02.01 – Забони тоҷикӣ** мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи назария ва
типологияи забони англисии
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» **Олматова Шарофат Сафаралиевна**

Имзои Олматова Ш.С.- ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Шукурзод Ҷамшед Абдуалим**

**«18» 04 соли 2024**

Нишона: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи А. Ҷомӣ, х. 4
тел: (+992)885251313, 935100413
E-mail: shahlojun@list.ru